**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «12» 01 соли 2026 № 09/ бу ш. Душанбе

Дар бораи бозхонди парвандаи аттестатсионии Абдуллоев А.О.

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Парвандаи аттестатсионии Абдуллоев Азизулло Одилович оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Байторӣ” бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дархости Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионӣ ҷиҳати дарёфти унвони илмӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Зарина Шоҳмуродзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад

Асос: аризаи довталаб аз 12 январи соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ

Раис КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ Сайфиддин Давлатзода